# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст.**

Яке аз фаслҳои калони ҳуқуқи маданиро ухдадориҳои шартномавӣ ташкил медиҳад. Дар қатори дигар шартномаҳои ин фасл қонунгузор шартномаи хариду фурӯши чаканаро низ зикр намудааст.

Шартномаи мазкур ҷойи махсусро дар танзими муносибатҳои маданӣ ишғол намуда ҳамчун механизми асосии қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шаҳрвандон ба мол хизмат мекунад ва аз ин лиҳоз аҳамияти муҳими иҷтимоӣ дорад. Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, рақамикунонии тиҷорат, истифодаи васеи хариду фурӯши фосилавӣ, иштироки маркетплейсҳо доираи масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба ин шартномаро ба таври назаррас васеъ мекунад.

Мубрамияти мавзуъ бо якчанд омилҳо асоснок карда мешавад. Аввало, бо сиёсати давлатӣ дар самти таъмини аҳоли бо маҳсулоти сифатнок, ки шарти асосии онро бехатарии мол ташкил медиҳад. Баъдан, шартномаи хариду фурӯши чакана бевосита ба зарурати иқтисодӣ, яъне дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ алоқаманд аст, ки барои он танзими шаффофи ҳуқуқии савдои чакана барои ба эътидол овардани муомилоти маданӣ муҳим аст.

Сеюм, зарур аст, ки мушкилоти замони муосир ва рақамикунонӣ ба назар гирифта шаванд: рушди босуръати тиҷорати электронӣ ва фурӯши фосилавӣ мушкилоти гуногунро дар қонунгузории миллӣ ошкор кардааст, ки ҳалли ҳуқуқии худро барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон талаб мекунад.

Аз таҳлили автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки муаллиф мақсади таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ ва қонунгузории

шартномаи хариду фурӯши чаканаро пеш гирифтааст ва дар ин замина пешниҳодҳои мушаххасро ҷиҳати такмил ёфтани қонунгузорӣ иброз намудааст.

Автореферат, ки ба омӯзиши шартномаи фурӯши чакана бахшида шудааст, ҳам аз ҷиҳати баррасии моҳияти мавзӯъ ва ҳам аз ҷиҳати методологии таҳлил таассуроти мусбат мегузорад. Интихоби ҳадафи тадқиқот мувофиқ ва аз ҷиҳати илмӣ муҳим ба назар мерасад, зеро танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана дар мувозинати манфиатҳои фурӯшандагон ва истеъмолкунандагон нақши асосиро мебозад ва ба фаъолияти бозори истеъмолӣ мустақиман таъсир мерасонад.

Объект ва предмети тадқиқот дуруст муайян карда шуда, ба мақсадҳои пешниҳодшуда мантиқан алоқаманданд, ки имкон медиҳад, ки масъалаи зикргардидаро ҳамаҷониба ва ба таври маҷмӯи баррасӣ кард.

Таҳлили автореферат баенгӯи он аст ки муаллиф аз адабиёти илмии муосир, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ истифода намудааст. Ин нишон медиҳад, ки муаллиф асосҳои назариявӣ ва тамоюлҳои муосири рушди шартномаи хариду фурӯши чаканаро амиқан дарк мекунад.

Ҷанбаҳои мусбии кор дар он ифода меёбад ки муаллиф ба таври маҷмуи шартномаи мазкурро баррасӣ намудааст. Муаллиф на танҳо ба таҳлили масъалаҳои назариявӣ маҳдуд гардидааст балки роҳҳои мушаххаси асоснокро пешниҳод мекунад.

Новобаста аз таҳлили ҳамаҷонибаи шартномаи мазкур ва ҷанбаҳои мусбии кор ба яке аз пешниҳодҳои муаллиф метавон эрод гирифт.

Дар нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф иброз медорад, ки шартномаи хариду фурӯши чакана шартномаи дутарафа, музднок ва консенсуалӣ буда ба сифати предмети он молҳое, ки барои эҳтиёҷоти шахсӣ ва маишӣ истифода мешаванд баромад менамояд. Ин нукта ба категорияи навгонӣ мутобиқ нест. Зеро дар дилхоҳ адабиети илмӣ ин нуқтаро вобаста ба шартномаи мазкур метавон пайдо намуд.

Эроди зикр гардида дар умум сифати корро паст намекунад ва ба арзёбии мусбати таҳқиқоти гузаронидашуда таъсир намерасонад.

Тадқиқоти илмии Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб айни замон дар низоми илми ҳуқуқшиносӣ муҳим ва зарурӣ буда, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида, барои инкишофи назарияи шартномаи хариду фурӯши чакана ва такмили қонунгузорӣ истифода шуда метвонанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздидаҳанда**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ
ва молиявии донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
д.и.ҳ., дотсент Бобозода Ҷ.Қ.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

02 декабри 2025

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Тел.: (992) 231-08-43. E.mail: iamrod@mail.ru